Ба Шурои диссертатсионии 6D-КОА.001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Музафарзода Фазлиддин дар мавзӯи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Омӯзиши масъалаҳо, падидаҳо ва равандҳои гуногуни инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ барои дарки амиқ ва васеи мушкилоти мухталифи инкишофи ҷомеа ва рушди онҳо аҳаммияти муҳим доранд. Дар замони муосир абзорҳои таъсиррасон ба сиёсат густурда шуданд ва дар назди давлатҳо чолишҳои нав барои ҳимоя ва татбиқи манфиатҳои миллӣ ба вуҷуд овардаанд. Зеҳнишавии сиёсат манфиатҳои миллиро ба меҳвари амалкарди ҳар давлат табдил дод. Самаранокии иқдом ва ташаббуси давлат маҳз бо дараҷаи мувофиқати он бо манфиатҳои миллӣ арзёбӣ мешаванд. Роҳбурдҳои марҳилавӣ барои амалишавии манфиатҳои миллӣ таҳия мегарданд ва ҳар давлат кӯшиш дорад муҳити мусоиди берунаро барои худ, маҳз бо муҳим будани ҳифзи манфиатҳои миллӣ созмон диҳад. Равобит, ҳамкорӣ ва ҳамёриро бо кишварҳои ҳамсоя беҳтар намояд ва таваҷҷуҳи махсусро пеш аз ҳама барои тавсеаи тавонмандиҳои миллӣ зоҳир кунад. Чунин вижагиии манфиатҳои миллӣ ва табиати тавсеаёбандаи онҳо барои давраи дарозмуҳлат ҳифз мегардад.

Аз ин дидгоҳ, арзёбии манфиатҳои миллӣ дар шароити Тоҷикистон хусусияти хос дошта, бо назардошти омили тавонмандиҳои миллӣ, ҷойгиршавӣ, ҳамҷаворӣ, хатару таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ пажуҳиши пайвастаи онҳо муҳим мебошад. Таҳлилу баррасиҳо нишон медиҳанд, ки

дар 33 соли соҳибихтиёрии давлатӣ дар атрофи Тоҷикистон раванду тамоюлҳову ҷараёнҳои мухталифи хатарзо шакл гирифтанд ва дар ҳоли таҳаввул қарор доранд, ки дар сурати ғофилгир шудан ба манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, ҳамчун мавзӯи пажуҳиши рисолаи номзадӣ интихоб шудани ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ аҳамият ва мубрамияти хос дорад.

Аз ин ҷост, ки таҳқиқи масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба сифати омили рушди устувори ҷомеа баромад намудани он диққати муҳаққиқони сатҳи гуногунро ба худ кашидааст. Ҳеҷ набошад, дар навбати аввал муҳаққиқон бар он мекӯшанд, ки дар раванди инкишофи ҷомеа ва давлат, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, кафолати қонеъшавандагии талаботҳои он ҷойгоҳи манфиатҳои миллӣ ва зарурияти ҳатмии ҳифзи онро муайян намоянд. Аз ҷумла, диссертант Ф. Музафарзода низ ба ҳамин монанд вазифаҳоро дар пеши худ гузоштааст ва онҳоро аз нигоҳи илмӣ ҳал намудааст.

Диссертант кӯшидааст, ки тавассути омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои манфиатҳои миллӣ ба паҳлуҳои мушаххаси он муроҷиат намуда, мақом ва зарурияти ҳимояи онро барои рушди давлату ҷомеа ва инкишофи инсон муайян намояд. Ҳолати рузмаррагии мавзуи таҳқиқотӣ дар муҳиммият ва ҳатмияти мавҷудияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ баҳри таҳкими рушди устворн ҷомеаи Тоҷикистон ва нигоҳ доштани ваҳдату якпорчагии он ифода меёбад. Дар радифи чорабиниҳои дигар оид ба таъмини бехатарӣ аз хатарҳо ва таҳдидҳои замони муосир нигоҳ доштан ва таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, аз ҷумла мухторияти давлатӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад. Аз назари муаллиф, таҳкими истиқлолият худ як мақоми нигоҳ доштани ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳамчун асоси рушди устувори давлат аст.

Ба масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши мавзуъ рӯ оварда, таҳлил ва хулосагириҳои махсус намудааст. Чунин тарзи муносибат ба муаллиф имконият додааст, ки тавассути муайян намудани мафҳум ва хусусистҳои асосии манфиатҳои миллӣ ба фаҳми дурусти моҳияти он расад. Ҳолати натиҷагирии кори таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки хосиятҳои амалию воқеии он ба фаҳми дурусти масъала ворид гардида, падидаи веқеиро дар низоми мушаххаси муносибаҳо муайян намояд. Аз ин ҷост, ки кори диссертатсионии Ф. Музафарзода аҳаммияти калони назариявӣ ва амалиро касб намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои дессертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон пажуҳиш ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Масъалаи ҳифзи низоми давлатдорӣ, таъмини рушди устувор, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар маҷмуъ, масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлолияту якпорчагӣ масъалаи рӯзмарраи рушди Тоҷикистон ба ҳисоб meраванд. Барои Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди устувори он дар шароити ҳозираи инкишоф аҳаммияти бештареро соҳиб аст.

Таҳқиқи мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои манфиатҳои миллӣ ҳамчун омили асосии рушди уствори ҷомеаи Тоҷикистонӣ имкон медиҳад, ки он ҳарчи беҳтару возеҳтар фаҳмида ва дарк карда шавад. Диссертант дар ҳалли масъалаи илмӣ, муқаррар намудани мақом ва аҳаммияти манфиатҳои миллӣ дар рушди уствори ҷомеаи муосирро дуруст тавсиф намуда, аҳаммияти бешатарро барои инкишофи шахс, ҷомеа ва давлат, барои таъмини рушди устувори ҷомеа, аз ҷумлаи ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон додааст.

Ф. Музафарзода дар раванди иншои рисола аз доираи васеи адабиёти илмию оммавӣ ва санадҳои гуногун истифода намуда, кӯшидааст, ки хулосаҳоро дар рафти таҳияи кори диссертатсионӣ дар мавриди тақвияти андешаҳо истифода намояд. Он ҳолатест, ки паҳлуҳои аҳаммияти махсуси илмии рисоларо тақвият мебахшад. Диссертант кӯшиш намудааст, ки сатҳи омӯзиши мавзуъ ва таҳлили амиқ, ба гурӯҳҳо ҷудо намудани адабиётро вобаста ба самти таҳқиқот дуруст дарк намуда, масъаларо матраҳ намояд.

Ф. Музафарзода  мақсад ва объекту предмети таҳқиқотро дуруст муайян намуда, иҷрои вазифаҳои гузошташударо муваффақона анҷом додааст. Дар кори диссертатсионӣ ҳолатҳои нави таҳқиқоти илмӣ мушаххасан муайян гардида, онҳо илман асоснок карда шудаанд. Ба он ҷанбаҳое, ки ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва зарурияти онро барои инкишофи устувор ва дурнамои рушди ҷомеаи Тоҷикистон тавсиф месозанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳамаи ҳолати навгониҳои рисола дар таркиботи нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда инъикос гардидаанд.

Диссертант ҷанбаҳои назаравию методологии мавзуъро таҳлил намуда, сатҳи амалишавии онҳоро дар амалияи ҷамъиятӣ нишон додааст. Ин ҳолатҳо далели он мебошанд, ки муаллиф  моҳияти масъалаи таҳқиқшавандаро дарк намуда, онро ҳам аз назари амалӣ ва ҳам аз ҷиҳати назарявӣ асоснок намудааст. Муаллиф дар раванди омӯзишу таҳлили мавзуи диссертатсия низ аз методҳои зарурии таҳқиқоти сиёсӣ истифода намудааст. Дар баррасии масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми навӣ ҷаҳонӣ маҷмуи методҳои умумиилмӣ ба монанди методи таърихӣ, таҳлиливу ташхиснамой, сотсиологӣ, антропологӣ, меъёриву арзишӣ ва ғайра истифода гардидаанд.

Муаллифи диссертатсия дар рафти таҳқиқот ба масъалаҳои мухталифи ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи хоса намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Дар робита ба ин, тарҳи муваффақи механизми ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ, таҳкими неруи институтсионалии давлат мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Ф. Музафарзода  дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳифзи манфиатҳои миллиро мавриди омӯзиш қарор дода, ба натиҷаҳои зарурӣ расидааст. Таъмини бехатарӣ ва рушди устувори Тоҷикистон манфиати аввалиндараҷаи миллӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф нисбат ба давлати Тоҷикистон манфиатҳои миллиро талаботи бошуурона, расман ифодаёфтаи объективӣ медонад, ки татбиқи пайгирона ва ҳифзи он мавҷудияти устувор ва рушду пешравии давлатро таъмин менамояд.

Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дигаргуниҳои раванду ҳодисаҳои замони муосир, шаклгирии таҳдиду хатарҳо ба ҳимояшавандагии манфиатҳои миллӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва хулосагириҳои саҳеҳ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои

бадастовардашударо метавон дар таҳқиқотҳои минбаъда, дар раванди таъмини бехатарӣ, таҳкими заминаҳои истиқлолият ва рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳия ва ба роҳ мондани чорабиниҳо атрофи таъмини бехатарӣ ва рушди уствори ҷомеа истифода намуд.

Ҳамзамон маводҳои диссертатсия дар раванди таълими соҳаҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ ба таври васеъ истифода хоҳанд гардид. Инчунин, маводҳои кори диссертатсиониро ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур метавон истифода намуд.

Муаллиф тавонистааст, ки масъалаҳои асосии таҳқиқотро ба таври кофӣ ва зарурӣ дар муқаддимаи диссертатсия асоснок намояд. Асосҳои назариявӣ, илмӣ-амалӣ, методологӣ, навгониҳои таҳқиқот ва масъалаҳои барои дифоъ пешниҳодшударо ба таври барҷаста нишон дода, ҳолати истифодаи воқеии онҳоро муқаррар намояд. Дар ду боб ва шаш зербоби диссертатсия онҳоро ба таври амиқ мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор диҳад.

Дар қисмати аввали диссертатсия, асосан масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи манфиатҳои миллӣ, моҳият ва хусусиятҳои он, таҳлили масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз нигоҳи мактабҳои таҳқиқотии илмӣ мавриди омӯзиш ва хулосагириҳо қарор дода шудаанд. Бештар тарзи муносибати консептуалӣ истифода гардида, вазифаҳои таҳқиқотӣ анҷом дода шудаанд. Дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳое дода мешавад, ки дар назарияи сиёсии муосир ҳамчун мушкилоти муҳимми манфиатҳои миллӣ эътирофи умум пайдо намудаанд. Диссертант дар натиҷаи таҳқиқоти худ муносибати таълимоти гуногуни низоми мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, аҳаммият ва зарурияти таъмин ва ҳифзи манфиатҳои миллиро барои давлати миллии Тоҷикистон тавсиф намудааст. Ӯ инчунин махсусиятҳои раванди рушди уствори ҷомеаи тоҷикистониро дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас расидааст.

Дар қисмати дуюми рисолаи дисертатсионӣ диққати муаллиф ба омӯзиши масъалаҳои муҳими низоми нави ҷаҳонӣ ва воқеияти амалишавии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир баррасӣ гардида, роҳҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити таҳдид ва хатарҳои низоми нави ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлилу натиҷагириҳо қарор гирифтаанд. Диссертант дар рисолаи диссертатсионӣ аслан дар шароити давлатдории миллӣ зери мафҳуми

манфиатҳои миллӣ он омилҳоеро таъриф додааст, ки боиси амалишавӣ ва таҳкими ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон мегарданд. Таваҷҷуҳи асосиро ба масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми навӣ ҷаҳонӣ махсусан, ҳифзи сиёсати давлатӣ ва ҳифзи ҳудуди давлати миллӣ ва монанди инҳо равона кардааст.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои ба даст овардаро баён сохта, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

Саҳми муаллиф дар омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки муаллиф сатҳи касбияти заруриро пайдо намудааст ва қобилият ба таҳқиқоти илмиро дар фаъолияти хеш инъикос менамояд.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 11 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 8 конференсия ва семинарҳои гуногуни илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маъруза пешниҳод гардидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба шароити буҳронии инкишофи ҷомеа ва зарур будани ҳолати ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон пайваст аст. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя

пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар раванди омӯзиши масъалаҳои ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми навӣ ҷаҳонӣ нишон медиҳанд.

Дар баробари муваффақиятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо холӣ нест:

1. Муаллиф дар бораи таҳдид ва хатарҳо ба манфиатҳои миллӣ андешаронӣ намуда, онҳоро вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тасниф мекунад. Аммо хуб мешуд, таҳдид ва хатарҳое, ки ба рушди устувори ҷомеаи Тоҷикистон халал мерасонанд, гурӯҳбандӣ гардида, хусусиятҳои асосии онҳо нишон дода шаванд.

2. Баррасии масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ дар кори диссертатсионӣ масъалаи муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Аммо ҷойгоҳ ва нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он ба таври мушаххас нишон дода нашудаанд.

3. Дар кори диссертатсионӣ хуб мешуд, ки зуҳуроти таъсиррасониҳои равандҳо ва ҳодисаҳои низоми нави ҷаҳонӣ ба арзишҳои умумимиллии тоҷикистонӣ нишон дода мешуданд. .

4. Диссертант таҳдид ва хатарҳои низоми нави ҷаҳониро ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон нисбат ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа нишон додааст. Хуб мешуд, ки масъалаҳо ва ҳадафҳои афзалиятноки онро мушаххасан муайян менамуд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам намегардонанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Музафарзода Фазлиддин бо рӯзмаррагӣ ва навгониҳои худ фарқ намуда, ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Тақризи мазкур ба талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Сарходими илмии шуъбаи ШМА ва
Канадаи ИОМДОА АМИТ,
доктори илмҳои сиёсӣ Ш.Т. Каримов

Имзои Ш.Т. Каримовро тасдиқ
менамоям:
нозири шуъбаи кадрҳо: А. Зуҳуров

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
E-mail: shamskarimov14@gmail.com